Замимаи 2
Бо фармоиши сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ аз “13” октябри соли 2014 №2/ск тасдиқ шудааст

Дастурамали

мансабии сармутахассиси бахши ҳуқуқ ва кадрҳои Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ.

1. Муқаррароти умумӣ:

Номи мансаб – Сармутахассиси бахши ҳуқуқ ва кадрҳои Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ;

- мансаби мазкур тибқи феҳристи хизматчиёни давлатӣ ба категорияи панҷум мансуб мебошад.
- сармутахассиси бахши ҳуқуқ ва кадрҳои Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи озмун ба вазифа таъин ва озод карда мешавад;
- ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори бахш тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошад;
- сармутахассиси бахш дар мавриди зарурӣ метавонад ӯҳдадориҳои мансабии сардори бахшро иҷро менамояд;
- фаъолияти кории сармутахассиси бахш тибқи Низомномаи Бахш, Нақшаи кории бахш ва дастурамали мансабии мазкур ба роҳ монда мешавад;
- ба сармутахассиси Бахши ҳуқуқ ва кадрҳо мутахассиси пешбари Бахш тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ҳангоми набудани сармутахассиси Бахш ӯҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ:

Барои мансаби сармутахассиси бахш талаботи тахассуси зерин муқаррар карда мешавад;

- таҳсилоти олии касбӣ ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ва ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ малакаи хуби муошират бо ҷомеа ва ҳамкорон;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳа ва санадҳои меъёрии байналмиллалии эътирофнамудаиҶумҳурии Тоҷикистон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ,ба нақшагирии раванди фаъолияти меҳнат ва ҳамкорӣ бо кормандон;

- на камтар аз 1- маротиба дар 3- сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ки барои кор кардан дар мақомоти давлатӣ зарур мебошад;

## 3. Ӯҳдадориҳо

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

- меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури фаъоляти ҳамарӯзаихуд қарор диҳад;

- интизоми меҳнатро риоя намояд;

- фармон ва супоришҳои сардори Хадамот ва сардори бахшро сари вақт ва бо сифат иҷро намояд;

- саби ҳуҷҷатҳои содиротӣ, барқияи телефонӣ ва гузоришҳои бахшро иҷро намояд;

- сари вақт ҳуҷҷатҳои содирот ва таъҷилиро аз қабили барқияномаҳо факсограммаҳо ва гузоришҳоро ба қайд мегирад;

- ҳангоми иҷрои талаботи ҳуҷҷат ва содир гаштани ҳуҷҷат онро аз назорат бардорад, ҷиҳати таҳкими фаъолияти бахш таклиф пешниҳод менамояд;

- дигар супоришҳои сардори Бахшро иҷро мекунад;

- лоиҳаи дастурамали мансабии сармутахассис ва мутахассиси пешбари Бахшро таҳия намуда, барои мувовиқа ба сардори Бахш пешниҳод менамояд;

## 4. Ҳуқуқҳо

Сармутахассиси бахши ҳуқуқ ва кадрҳо ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои доираи ӯҳдадории мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- маводҳои дар ихтиёри бахш ва Хадамот қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот талаб карда гирад;дар ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти Хадамот ва бахши ҳуқуқ ва кадрҳо дахл доранд бо розигии сардори бахш иштирок намояд;
- бо маводе, ки ба адои хизмати давлатии ӯ дахл дорад, бе мамоният шинос шавад;
- дар хизмати давлатӣ, бо назардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳоии мансабии худ баланд равад;
- дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд;
- бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд;
- тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархурдор бошад;
- барои мукаммал намудани самти фаъолият дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии худ ва фаъолияти бахш ба сардори бахш таклиф пешниҳод намояд;

## 5. Масъулият

Сармутахассиси бахш дорои чунин масъулиятзо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ва “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррар намудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- барои ошкор намудани сирри давлатӣ ва сирри дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо”;

- барои пешниҳод накардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амвол дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- барои истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани воситаҳо ва дигар моликияти давлатие, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ вобаста карда шудаанд;
- самутахассиси базш барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, истифодабарии ғайримақсаднок мва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ вобаста кардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

Дастурамали мансабии мазкур дар 2- нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар бахши кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи бахши кадрӣ бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани таърихи рӯз дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ сабт карда шуда, ба сармутахассиси бахш супорида мешавад:
- ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабии корманд аз рӯи натиҷаи аттестасия ва ё баҳодиҳии солона, инчунин ҳангоми аз нав ташкилдиҳии бахш ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани ваколати мансабии сармутахассиси бахш мегардад, дастурамали мансабӣ аз нав таҳия карда мешавад